**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон
н. и. и., дотсент ______________ Асрорзода У.С.
«__12__» _______09_______ 2020

**Тақризи муассисаи тақриздиҳанда**

**ба диссертатсияи Алии Таҳассурӣ дар мавзӯи «Инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ (дар саноати устон (вилоят) - и Курдистони Ҷумҳурии исломии Эрон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисосҳои 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳон ва 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: саноат пешниҳод шудааст.**

## Муҳимияти мавзӯи диссертатсия

Дар шароити тезу тунд шудани муносибатҳои бозорӣ ва раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт рушди соҳибкории хурду миёна яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб меравад. Ташаккули соҳибкории хурду миёна дар асоси қоидаҳои бозорӣ ва шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии моликият, ташкили истеҳсолотеро дар назар дорад, ки соҳибкорон худ ташкил ва васеъ кардани фаъолияти худро дар шароити муносибатҳои нави бозорӣ ба роҳ монанд.

Ҷумҳурии исломии Эрон дар шароити имрӯзаи иқтисоди бозорӣ баҳри пешрафти иқтисод ва иҷтимоиёт дар баъзе вилоятҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бахши саноат ва хусусан рушди соҳибкории хурду миёнаро дар ин минтақа ба роҳ монад. Таъмини соҳибкории хурду миёна яке масъалаҳои асосии башарият ва ҷомеаи ҷаҳонӣ низ арзёбӣ карда мешавад.

Масъалаи дигари бениҳоят ҷиддӣ ва ташвишовар барои Ҷумҳурии исломии Эрон, ин вазъияти берунии иқтисодии он бо кишварҳои дигар арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин масъала, барои пешгирии чунин омилҳо ва масъалаҳои муҳим ба роҳ мондани истеҳсолоти дохилӣ ба воситаи рушди соҳибкории хурду миёна дар бахши саноати дохилӣ ва ба ин васила

инкишофи содирот ба кишварҳои ҳамсоя роҳи ҳалли масъалаҳои ҷойдошта ба ҳисоб меравад.

Роҷеъ ба масъалаҳои қайдгардида ва омӯзиши инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ мавзӯи баррасишаванда ва таҳқиқшаванда яке аз мавзӯҳои мубрами рӯз ва замонавӣ арзёбӣ карда мешавад.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррарот, хулоса ва пешниҳодот**

Маводи дар диссертатсия овардашуда, сохтор ва низоми аз нигоҳи мантиқ дуруст дошта, сатҳи баланди объективият дорад. Гузориши дурусти ҳадаф ва вазифаҳо имконият додаанд, ки ассоснокӣ ва эътимоднокии муқарраротӣ илмӣ ва хулосаву пешниҳодот таъмин карда шавад. Диссертатсия сохтори мукаммал дошта, аз муқадимма, 3 се боб ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 172 саҳифаро дар бар гирифта, дорои 22 ҷадвал ва 4 расму 1 диаграмма мебошад.

Ассоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо муаррифии онҳо дар конференсияҳои илмӣ - назариявии дохил ва хориҷи кишвар, тасдиқ карда шудааст. Ҳамин тавр, бо назардошти нуктаҳои дар боло овардашуда қайд менамоем, ки Алии Таҳассурӣ тавонистааст, ки эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро собит созад.

**Навгониҳои илмии натиҷаҳое, ки дар рафти тадқиқот ба даст оварда шудаанд**

Навигариҳои илмии таҳқиқот аз таҳияи пешниҳодҳо оид ба ташаккул ва рушди соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ ва такмили механизмҳое, ки самаранокии баланди истеҳсолоти саноатиро таъмин месозанд, иборат аст.

Дар миёни натиҷаҳои назарраси тадқиқоти анҷомдодашуда, ки навгониҳои илмии онро муайян мекунанд, инҳо ба ҳисоб мераванд:

- моделҳои мухталифи инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ бо таваҷҷуҳ ба равишҳои ибтикорӣ, фардгароёна, мутобиқшаванда ва сармоягузорӣ ассоснок гардидаанд;

- таҷрибаи ҷаҳонии инкишофи соҳибкорӣ дар асоси омӯзиши роҳу усулҳои танзими соҳибкорӣ ва кишварҳои пешрафтаи дунё ҷамъбандӣ гардида, роҳҳои самараноки ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна дар минтақаҳои мухталиф бо таваҷҷуҳ ба омӯзиши ҳолати бозор, рақибон истеъмолкунандагон ва баҳогузории молҳо, пешниҳод гардидаанд;

- стратегияи рушди соҳибкории истеҳсолии хурд таҳия гардидааст ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои истеҳсолии хурд дар шароити рушди иҷтимоию иқтисодии воҳиди маъмурии мушаххас баҳогузорӣ карда шудааст;

- ҷанбаҳои назариявии инкишофи корхонаҳои хурду миёна бо таваҷҷуҳ ба омилҳои демографӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии ҷойгиркунии онҳо дар минтақаҳои мухталиф ассоснок гардидаанд;

- модели омилҳои муайянкунандаи осебпазири корхонаҳои хурду миёна дар минтақа таҳия карда шудааст. Дар асоси натиҷаи модели таҳияшуда рейтинги омилҳои асосие, ки ба рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёна дар бозори дохилӣ таъсири зиёд доранд, ташкил карда шуд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Асосҳои назариявии инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити муосир» ном дорад, унвонҷӯй моҳияти иқтисодиву иҷтимоии корхонаҳои хурду миёна, инкишофи моделҳои мухталифи соҳибкорӣ дар шароити муосир ва таҷрибаи ҳимояти давлатии соҳибкории хурд ва кишварҳои мухталифро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсияи мазкур оид ба омӯзиши «Таҳлили омилии рушди инкишофи корхонаҳои хурду миёна дар устони Курдистони Эрон» бахшида шудааст. Масъалаҳои асосие, ки дар ин фасл дида мешаванд, ин баррасии авомили муассир ба содироти корхонаҳои хурду миёна, осебшиносии инкишофи корхонаҳои хурду миёна, инчунин омилҳо ва шароитҳои

ҷойгиркунӣ ва рушди корхонаҳои хурду миёна дар устони Курдистони Эрон ба ҳисоб мераванд.

Қисмати асосии диссертатсияи илмиро фасли сеюми он ташкил медиҳад, ки он «Самтҳои афзалиятноки инкишофи соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳои Эрон» номгузорӣ карда шудааст. Дар ин фасл, унвонҷӯй кӯшиш намудааст, ки ба дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна дар минтақаҳои Эрон, такмили низоми менеҷменти стратегии корхонаҳои хурду миёна ва ояндабинии рушди соҳибкории хурду миёна дар минтақа ба тарзи бояду шояд равшанӣ андозад.

Дар хулоса, натиҷаҳои илмии бадастомада ва пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф нишон дода шудаанд.

**Аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф**

Тадқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбасти илмию амалии тадқиқоти муаллиф оид ба ташаккул ва инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодии Ҷумҳурии исломии Эрон мебошад. Равишҳои консептуалӣ оид ба таҳияи стратегияи инкишофи корхонаҳои хурду миёна бо назардошти махсусиятҳои минтақавӣ ва ҳудудӣ аз бисёр ҷиҳат ба беҳбудии асосҳои муносибатҳои бозорӣ ва ба он мутобиқгардонии механизмҳои соҳибкорӣ мусоидат мекунад, ки ин самаранокии иқтисоди миллиро дар умум таъмин месозад.

Қисматҳои алоҳидаи тадқиқоти диссертатсионӣ дар Вазорати саноат ва металургияи Эрон, Вазорати саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ, Вазорати савдо ва таъмини иҷтимоӣ, инчунин Вазорати энергетика ва саноат, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шудаанд. Дастурҳои назариявӣ, консепсия ва хулосаҳои таҳқиқот ҳангоми хондани курсҳои «Иқтисодиёти корхонаҳои хурд», «Шуғли захираҳои меҳнатӣ», «Муаммоҳои идоракунии қарзи давлатӣ», «Микроиқтисодиёт» ва ғайраҳо дар донишгоҳҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии анҷомдодаи Алии Таҳассурӣ арзиши баланди илмӣ ва амалӣ дошта, ба ҳалли масоили муҳим бахшида шудааст.

**Эродҳо нисбат ба диссертатсия:**

1. Дар диссертатсияи илмӣ мафҳуми корхонаҳои хурду миёна аз нигоҳи олимони ватаниву хориҷӣ оварда шудаанд, аммо назарияи шахсии муаллиф оид ба ин мафҳум ба тарзи мушаххас баён карда нашудааст;

2. Параграфи 1.2. - и диссертатсияи илмӣ, ки "Инкишофи моделҳои мухталифи соҳибкорӣ дар шароити муосир" ном дорад, аммо ба андешаи мо дар ин параграф муаллиф асосҳои назариявии он соҳаро ба тарзи бояду шояд наомӯхтааст. Инчунин, муаллиф аз асарҳои илмии олимони иқтисоддони ватанӣ ва нисбати ақидаҳои илмии онҳо доир ба ин мавзуъ кам таваҷҷуҳ кардааст;

3. Сифати диссертатсия илмӣ хело баланд мешуд агар муаллиф дар параграфи 2.3. омилҳо ва шароитҳои ҷойгиркунӣ ва рушди корхонаҳои хурд ва миёна дар устони Курдистони Эронро боз ҳам бештар таҳлил менамуд;

4. Барои боз ҳам баланд бардоштани сифати диссертатсияи илмӣ хуб мешуд муаллиф ба такмили низоми менеҷменти стратегии корхонаҳои хурду миёна бештар аҳамият медод;

5. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

Вале, ин эродҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд. Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилонаи пурра анҷомёфта мебошад, ки навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навоварии илмии онро ифода менамоянд. Диссертатсияи илмӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ (дар саноати устон (вилоят) - и Курдистони Ҷумҳурии исломии Эрон) - ро рушд медиҳанд.

**Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Алии Таҳассурӣ дар мавзӯи «Инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ (дар саноати устон (вилоят) - и Курдистони Ҷумҳурии исломии Эрон)», ҳамчун кори имлӣ-тахассусии анҷомшуда ҳисобида, натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро муҳим ва дорои аҳамияти илмию амалӣ шарҳ додан мумкин аст.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Таълифоти муаллиф, ки 8 номгӯйро дар бар мегиранд, аз сатҳи баланди муаррифии натиҷаҳои тадқиқот шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Алии Таҳассурӣ ба талаботи муқаррарнамудаи КОА - и назди Президенги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисосҳои 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳон ва 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: саноат мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат санаи 10.09.2020 сол бо протоколи таҳти №2 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ**
**ва фаъолияти соҳибкории ДССХ** **Ҳабибуллозода М.Ҳ.**

**Тақризро омода намуд,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,** **Алишоев Х.Ҳ.**

**Котиби ҷаласа** **Ҷумаев Ш.М.**

Имзои Ҳабибуллозода М.Ҳ., Алишоев Х.Ҳ. ва Ҷумаев Ш.М. - ро тасдиқ мекунам.

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДССХ** **Ҷураев Ш.Н.**

**Маълумот барои тамос ва суроғаи муассисаи тақриздиҳанда:** Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Тел: (+992 37) 234-88-00, www.dsx.tj. e-mail: dsx._ips@mail.ru.